**ИҚТИБОС**
**АЗ ПРОТОКОЛИ РАЁСАТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*ш. Душанбе* *аз 30 сентябри соли 2021, №7*

*Дар бораи Феҳристи ихтисосҳои илмии докторантура аз рӯйи ихтисос, дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм*

Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Комиссия) вобаста ба Феҳристи ихтисосҳои илмии докторантура аз рӯйи ихтисос, дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм, ки дар асоси онҳо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ барои додани дараҷаи илмӣ шӯроҳои диссертасиониро таъсис медиҳанд, ҷиҳати иҷрои Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Феҳристи ихтисосҳои илмии докторантура аз рӯйи ихтисос, дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм тасдиқ карда шавад (замима мешавад).
2. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ таъсиси шӯроҳои диссертатсиониро дар асоси Феҳристи мазкур ба роҳ монанд.
3. Дараҷаҳои илмӣ ба довталабон аз рӯйи Феҳристи мазкур дода шаванд.
4. Иҷрои қарори мазкур аз 1 октябри соли 2021 ба роҳ монда шавад.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Раис А. Розиқзода

Котиби илмӣ Ш. Бозоров

**ИҚТИБОС**
**АЗ ПРОТОКОЛИ РАЁСАТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*ш. Душанбе* *аз 30 сентябри соли 2021, №7*

*“Дар бораи асолати диссертатсияҳои самти илмҳои табиӣ-техникӣ ва риёзӣ”*

Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Комиссия) вобаста ба санҷиши асолати диссертатсияҳо,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Санҷиши асолати матни диссертатсия ва авторефератҳое, ки ба Комиссия тибқи қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, №505 дар самти илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ ворид мешаванд, мувофиқи қарори Раёсати Комиссия аз 29 апрели соли 2021, №4 «Оид ба санҷиши асолати диссертатсияҳо дар самти илмҳои табиӣ-техникӣ ва риёзӣ» ба роҳ монда шавад.
2. Санҷиши асолати матни диссертатсия ва авторефератҳое, ки ба Комиссия тибқи қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267 дар равияҳои илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ ба Комиссия ворид мешаванд, мутобиқи талаботи боби 3, банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ба роҳ монда шавад.
3. Дар ҳолати ҷавобгӯ набудани диссертатсия ва авторефератҳо ба талаботи қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267, бидуни баррасии шӯроҳои экспертии самти илмҳои мазкур аз шуъбаи аттестатсионии Комиссия ба ҳимояи такрорӣ баргардонида шаванд.
4. Хулосаҳои манфии барномаи “Антиплагиат”, нисбат ба диссертатсияҳое, ки асолати онҳо аз 75% (автореферати диссертатсия аз 80% ) камтар мебошанд, дар комиссияи дохилиидоравӣ баррасӣ гардида, қарори ниҳоӣ дар бораи онҳо бо протокол ба тасвиб расонида шавад.
5. Иҷрои қарори мазкур аз 1 октябри соли 2021 ба роҳ монда шавад.
6. Қарори Раёсати Комиссия аз 29 апрели соли 2021, №4 «Оид ба санҷиши асолати диссертатсияҳои дар самти илмҳои табиӣ-техникӣ ва риёзӣ» аз 1 октябри соли 2021 аз эътибор соқит дониста шавад.
7. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Раис А. Розиқзода

Котиби илмӣ Ш. Бозоров

# ИҚТИБОС
# АЗ ПРОТОКОЛИ РАЁСАТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*ш. Душанбе* *аз 30 сентябри соли 2021, №7*

*Дар бораи Низомномаи шӯрои экспертии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Комиссия) ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267, бо дарназардошти талаботи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Низомнома дар бораи шӯрои экспертии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мешавад).
2. Фаъолияти шӯроҳои экспертии Комиссия тибқи Низомномаи мазкур ба роҳ монда шавад.
3. Амали иҷрои қарори мазкур аз 1 октябри соли 2021 ба роҳ монда шавад.
4. Қарори Раёсати Комиссия «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи Шӯрои экспертии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2017 №2/5, аз эътибор соқит дониста шавад.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Раис А. Розиқзода

Котиби илмӣ Ш. Бозоров

# ИҚТИБОС
# АЗ ПРОТОКОЛИ РАЁСАТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*ш. Душанбе* *аз 30 сентябри соли 2021, №7*

*Дар бораи Дастури Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Комиссия) ҷиҳати иҷрои талаботи қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Дастури Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мешавад).
2. Иҷрои қарори мазкур аз 1 октябри соли 2021 ба роҳ монда шавад.
3. Қарори Раёсати Комиссия «Дар бораи тасдиқи Дастури Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели 2017 №1/1 аз эътибор соқит дониста шавад.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Раис А. Розиқзода

Котиби илмӣ Ш. Бозоров

**ИҚТИБОС**
**АЗ ПРОТОКОЛИ РАЁСАТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*ш. Душанбе* *аз 30 сентябри соли 2021, №7*

*Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали санҷиши асолати диссертатсияҳо аз 29 апрели соли 2021, №4*

Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (замимаи 2 қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267), вобаста ба асолати диссертатсияҳо

**ҚАРОР КАРД:**

1. Талаботи боби 2 бандҳои 4 ва 5 «Дастурамал дар бораи санҷиши дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати диссертатсия аз рӯйи барномаи компютерии «Антиплагиат», аз 29 апрели соли 2021, №4 ба роҳ монда шуда, Дастурамали мазкур дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Муқаррар карда шавад, ки диссертатсияҳои асолаташон аз 75% (автореферати диссертатсия аз 80%) паст бошад, бе баррасии шӯроҳои экспертии самти илмҳои мазкур аз шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия ба ҳимояи такрорӣ баргардонида шаванд.
3. Барои баррасии хулосаҳои манфии барномаи “Антиплагиат” нисбат ба диссертатсияҳое, ки асолаташон аз 75% паст (автореферати диссертатсия на кам аз 80%) мебошад, комиссияи дохилиидоравӣ таъсис дода шавад.
4. Иҷрои қарори мазкур аз 1 октябри соли 2021 ба роҳ монда шавад.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Раис А. Розиқзода

Котиби илмӣ Ш. Бозоров

# ИҚТИБОС
# АЗ ПРОТОКОЛИ РАЁСАТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*ш. Душанбе* *аз 30 сентябри соли 2021, №7*

*Дар бораи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия*

Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Комиссия) ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда" аз 30 июни соли 2021, №267,

## ҚАРОР КАРД:

1. Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 28 июни соли 2017 №3/1) дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мешавад).
2. Амали Дастурамали мазкур нисбат ба диссертатсияҳое, ки тибқи қарори Ҳукумати ҶТ (аз 30 июни соли 2021, №267) ба Комиссия ворид мегарданд, аз 1 октябри соли 2021 ба роҳ монда шавад.
3. Ба шӯроҳои диссертатсионӣ супориш дода шавад, ки ҷиҳати таҳияи диссертатсия ва автореферат талаботи Дастурамали мазкурро қотеъона риоя намоянд.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Раис — А. Розиқзода

Котиби илмӣ — Ш. Бозоров

**ИҚТИБОС**
**АЗ ПРОТОКОЛИ РАЁСАТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*ш. Душанбе* *аз 30 сентябри соли 2021, №7*

*Дар бораи тавзеҳот оид ба банди 10 зербанди 4 ва банди 14 зербанди 5 меъёрҳои «Тартиби додани унвонҳои илмӣ»( қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267), дар бораи ҳаҷми дастурамалҳои таълимӣ, таълимию методӣ ва китобҳои дарсӣ*

Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳаҷми зарурии интишороти таълимӣ ва илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Ҳаҷми дастурамали таълимӣ, таълимию методӣ бояд аз 2,5 ҷузъи чопӣ кам набошад ва бо қарори мушовараи Шӯрои олимони муассиса тасдиқ шуда бошад.
2. Ҳачми монография ба талаботи боби 5 банди 64 «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия» қарори Раёсати КОА ҶТ (аз 28 июни соли 2017 №3/1) мувофиқат намояд.
3. Китоби дарсӣ аз рӯйи ихтисос, ҳатман бояд бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ ба чоп тавсия шуда бошад.
4. Иҷрои қарори мазкур аз 1 октябри соли 2021 ба роҳ монда шавад.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Раис А. Розиқзода

Котиби илмӣ Ш. Бозоров